*Ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-123-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (Нишонӣ: шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17, бинои асосии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, толорои шуроҳои диссертатсионӣ; телефон: (+992) 907-307-035; e-mail: zbsh@list.ru)*

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Маъруфзода Маҳноза Маъруф дар мавзуи «SMM (Social Media Marketing) ҳамчун воситаи таъсир ба афкори ҷамъиятӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D050401 – Рӯзноманигорӣ)**

Бо завқи том, ҳавсалаи беандоза ва тавaҷҷуҳи баланд автореферати шогирди муҳтарам Маъруфзода Маҳноза Маъруфро мутолиа намудам. Пешопеш бояд иқрор шавам, ки ин автореферaтро аз намунаҳои беҳтарини кори таҳқиқии солҳои охир дарёфтам.

Тамоюли муосири журналистика ба он равона шудааст, ки расонаҳо аз модели яксамтаи иттилоърасонӣ ба низоми интерактивӣ ва рақамии иртибот бо аудитория гузаранд. Дар ин раванд, суръати интишори хабар, шаклҳои чандрасонаӣ, робитаи мустақим бо корбар ва таҳлили рафтори аудитория ба унсурҳои муҳимми фаъолияти ВАО табдил ёфтаанд.

Шабакаҳои иҷтимоӣ низ ҳамчун бахши фаъоли муҳити расонаӣ имконият медиҳанд, ки муҳтаво на танҳо паҳн, балки ҳадафмандона пешниҳод ва самаранокии таъсири он арзёбӣ карда шавад. Аз ин нуқтаи назар, омӯзиши SMM дар журналистика ҳамчун воситаи ташкили иртибот, ҷалби аудитория ва таъсиррасонӣ ба афкори ҷамъиятӣ дорои аҳаммияти муҳимми илмӣ ва амалӣ мебошад.

Диссертатсияи Маъруфзода Маҳноза Маъруф ба масъалаи мубрами журналистикаи муосири тоҷик, яъне истифодаи SMM ҳамчун воситаи таъсир ба афкори ҷамъиятӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ бахшида шудааст. Интихоби мавзуъ саривақтӣ буда, бо рақамикунонии фазои иттилоотии Тоҷикистон, густариши журналистикаи интернетӣ ва зарурати мутобиқшавии расонаҳои ватанӣ ба талаботи нави аудитория иртиботи мустақим дорад.

Дараҷаи омӯзиши мавзуъ нишон медиҳад, ки диссертант осори муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷиро вобаста ба журналистикаи интернетӣ, расонаҳои нав, шабакаҳои иҷтимоӣ, маркетинги рақамӣ ва афкори ҷамъиятӣ мавриди омӯзиш қарор додааст. Дар баробари ин, муаллиф дуруст муайян менамояд, ки масъалаҳои SMM дар журналистикаи

Тоҷикистон, фаъолияти менеҷери SMM, рекламаи мақсаднок ва истифодаи зеҳни сунъӣ дар таҳияи муҳтаво то ҳол ба таври фарогир мавриди таҳқиқ қарор нагирифтаанд.

Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ бо мавзуъ мувофиқ буда, ба омӯзиши моҳияти SMM, механизмҳои ҷалби аудитория, хусусиятҳои фаъолияти расонаҳои тоҷикӣ дар Фейсбук ва Инстаграм, шаклҳои муҳтаво, имкониятҳои рекламаи мақсаднок, фаъолияти менеҷери SMM ва истифодаи зеҳни сунъӣ равона гардидаанд. Объект ва предмети таҳқиқ низ ба муҳтавои кор мувофиқат мекунанд.

Навгонии илмии диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки раванди гузариши расонаҳои тоҷикӣ ба шабакаҳои иҷтимоӣ мавриди таҳлили низомманд қарор гирифта, нишондиҳандаҳои фаъолияти онҳо дар Фейсбук ва Инстаграм омӯхта шудаанд. Ҳамчунин, нақши менеҷери SMM ва талаботи касбии ӯ, имкониятҳои зеҳни сунъӣ дар таҳияи муҳтавои тоҷикӣ, фаъолияти саҳифаҳои расмии донишгоҳҳо ва ниҳодҳои давлатӣ ва самаранокии рекламаи мақсаднок таҳқиқ гардидаанд.

Боби якуми диссертатсия – «Асосҳои назариявии SMM чун воситаи нави маркетинг дар шабакаҳои иҷтимоӣ» ба шарҳи мафҳуми SMM, таърихи ташаккул ва вижагиҳои истифодаи он дар журналистика бахшида шудааст. Муаллиф робитаи фаъолияти рӯзноманигор ва менеҷери SMM-ро баррасӣ намуда, нақши SMM-ро дар ҷалб ва нигоҳдории аудитория нишон медиҳад. Дар ҳамин боб фаъолияти ҳашт расонаи Тоҷикистон дар Фейсбук мавриди таҳлили оморӣ қарор гирифтааст. Натиҷаҳо нишон медиҳанд, ки самаранокии фаъолияти саҳифа на ҳамеша ба шумораи пайравон вобаста буда, сифати муҳтаво ва сатҳи таъсири мутақобилаи аудитория аҳаммияти бештар доранд.

Боби дуюм – «Истифодаи SMM дар низоми васоити электронии ахбори Тоҷикистон» бештар хусусияти таҳлилӣ дорад. Дар он ниёзҳои иттилоотии аудитория, раванди гузариши расонаҳои тоҷикӣ ба муҳити рақамӣ ва фаъолияти саҳифаҳои расмии муассисаҳои давлатӣ таҳқиқ шудаанд. Муаллиф барои омӯзиши талаботи аудитория аз маълумоти расонаҳо, Гугл Трендс ва Яндекс Вордстат истифода намуда, тағйироти таваҷҷуҳи корбаронро ба шабакаҳои иҷтимоии гуногун баррасӣ кардааст.

Қобили таваҷҷуҳ аст, ки диссертант раванди таъсиси сомонаҳои расонаҳо ва баъдан пайвастшавии онҳоро ба Фейсбук ва Инстаграм муқоиса намуда, марҳилаҳои воридшавии ВАО-и тоҷикро ба фазои рақамӣ муайян кардааст. Таҳлили шаклҳои гуногуни муҳтаво низ нишон медиҳад, ки дар намунаҳои омӯхташуда тасвир ва навор нисбат ба матни холис бештар таваҷҷуҳи аудиторияро ҷалб менамоянд.

Боби сеюми диссертатсия – «Менеҷери SMM: таҳлили махсусияти касбию эҷодӣ» ба хусусиятҳои касбӣ ва малакаҳои менеҷери SMM бахшида шудааст. Муаллиф донистани тарзи таҳияи муҳтаво, истифодаи воситаҳои графикӣ ва таҳлилӣ, кор бо омор ва дарки манфиатҳои аудиторияро аз ҷузъҳои муҳимми фаъолияти ин мутахассис меҳисобад.

Ҷиҳати ҷолиби таҳқиқ баррасии истифодаи зеҳни сунъӣ дар истеҳсоли муҳтаво мебошад. Дар автореферат имкониятҳои ChatGPT, Copilot, Gemini ва Perplexity дар таҳияи матни таблиғотии тоҷикӣ муқоиса шуда, ҷиҳатҳои мусбат ва баъзе маҳдудиятҳои онҳо нишон дода шудаанд. Ин масъала ба таҳқиқ хусусияти муосир мебахшад ва барои рушди минбаъдаи журналистикаи рақамӣ аҳаммияти назаррас дорад.

Дар ҳамин боб рекламаи мақсаднок низ мавриди таҳқиқ қарор гирифта, дар асоси намунаҳои мушаххас нишон дода шудааст, ки интихоби дурусти аудитория ва танзими реклама метавонад бо хароҷоти нисбатан кам фарогирии муҳтаворо зиёд намояд. Диссертант инчунин зарурати такмили заминаҳои ҳуқуқии рекламаи мақсаднокро дар Тоҷикистон ба миён мегузорад.

Аҳаммияти назариявии кор дар он ифода мeёбад, ки натиҷаҳои он метавонанд барои рушди минбаъдаи таҳқиқоти журналистикаи интернетӣ, SMM ва иртиботи рақамӣ дар Тоҷикистон истифода шаванд. Арзиши амалии таҳқиқ бошад, дар имконияти истифодаи тавсияҳои муаллиф аз ҷониби расонаҳо, донишгоҳҳо, муассисаҳои давлатӣ ва дигар ташкилотҳо барои таҳияи стратегияи SMM, беҳтар намудани муҳтаво ва ҷалби аудитория зоҳир мегардад.

Бо вуҷуди дастовардҳои зикршуда, дар автореферат баъзе камбудиҳо ба назар мерасанд:

1. Азбаски мавзуи диссертатсия SMM-ро ҳамчун воситаи таъсир ба афкори ҷамъиятӣ баррасӣ менамояд, дар қисматҳои таҷрибавӣ ин таъсир бештар тавассути нишондиҳандаҳои фарогирӣ, писанд, шарҳ ва бознашр арзёбӣ шудааст. Истифодаи васеътари пурсиш ё дигар усулҳои мустақими сотсиологӣ метавонист механизми таъсир ба афкори ҷамъиятиро боз ҳам равшантар нишон диҳад.
2. Дар автореферат фаъолияти расонаҳо, донишгоҳҳо, вазоратҳо ва дигар муассисаҳои алоҳида мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Аммо меъёрҳои интихоби маҳз ҳамин расонаҳо ва муассисаҳо дар баъзе қисматҳо ба таври кофӣ шарҳ дода нашудаанд.
3. Дар автореферат баъзе ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ, инчунин номуназзамӣ дар истифодаи истилоҳот ба назар мерасанд, аз ҷумла

«таъсирррасонӣ» ба ҷойи «таъсиррасонӣ» (саҳ. 9), такроран дар саҳифаҳои 5, 10, 15, 24, 29, 34 ва 40 низ мушоҳида гардиданд.

Эродҳои зикршуда хусусияти тавсиявӣ дошта, арзиши умумии илмӣ ва амалии кори таҳқиқиро коҳиш намедиҳанд.

Дар маҷмуъ, автореферати диссертатсияи Маъруфзода Маҳноза Маъруф дар мавзуи «SMM (Social Media Marketing) ҳамчун воситаи таъсир ба афкори ҷамъиятӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ» кори илмии мустақил ва анҷомёфта буда, мазмун ва муҳтавои он ба ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D050401 – Рӯзноманигорӣ) мувофиқат менамояд.

Бо назардошти муҳтавои автореферат, навгонии илмӣ, асоснокии хулосаҳо ва мутобиқати онҳо ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон, метавон ба чунин хулоса омад, ки автореферат дар доираи талаботи банди 54 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст ва Дастурамал дар бораи тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо ва авторефератҳо ҷавобгӯ буда, муаллифи он Маъруфзода Маҳноза Маъруф сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D050401 – Рӯзноманигорӣ) мебошад.

**Доктори илмҳои филологӣ, профессори**
**факултаи гуманитарию педагогии**
**Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ**
**ва соҳибкории Тоҷикистон** **Ҳамидиён И.И.**
«27» августи соли 2026.

*Нишонӣ: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,*
*шаҳри Душанбе, ноҳияи Исмоили Сомонӣ,*
*хиёбони Рӯдакӣ, бинои 185, ҳуҷраи 57.*
*Тел.: (+992) 919708170*
*E-mail: i.hamidiyon@gmail.com*

*«Имзои Ҳамидиён Илҳомҷон Иномзодаро тасдиқ мекунам»*

**Сардори РК ва корхои махсуси ДБССТ** **Ҷураев Ш.Н.**
*Нишонӣ: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон*
*шаҳри Душанбе, х. Борбад, 48/5.*
*E-mail: info@iutet.t j*
*Сомона: https://iutet.tj*
*Тамос: +992 (37) 234-88-02*